ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Бахтиёрзода Муслима Бахтиёр дар мавзуи "Категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) пешниҳод гардидааст. – Душанбе, 2026.

Дар шароити муосир густариши рӯзафзуни равобити иҷтимоиву сиёсӣ, иқтисодӣ ва дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати омузиши забонҳои хориҷиро дар муқоиса бо забони модарӣ ба миён меорад, зеро аз худ кардани забони бегона бидуни назардошти хусусиятҳои забони модарӣ боиси мушкилоти ҷиддӣ мегардад.

Бо вуҷуди мавҷудияти таҳқиқоти гуногун дар забоншиносии тоҷик, масъалаи категорияи тарз дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ то ҳанӯз мавриди баррасии амиқу ҳамаҷонибаи қиёсӣ қарор нагирифтааст. Дар ин самт, таҳқиқоти диссертатсионии Бахтиёрзода Муслима Бахтиёр қадами назаррасе дар ҳалли ин масъалаи баҳсталаби илмӣ маҳсуб меёбад.

Диссертатсияи Бахтиёрзода Муслима Бахтиёр дар мавзуи **"Категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ"** ба яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносии тоҷику англис бахшида шудааст, зеро бидуни муқоисаи амиқу дақиқи шаклҳои феълӣ, ки асоси грамматикаро ташкил медиҳанд, забонро тасаввур кардан имконнопазир аст.

Мақсади таҳқиқ аз баррасии ҳамаҷонибаи хусусиятҳои маъноиву дастурии категорияи тарз дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, инчунин, муайян намудани роҳу воситаҳои мухталифи ифодаи ин категория дар заминаи шабоҳат ва тафовутҳои сохтории забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ иборат мебошад.

Ҷиҳати ноил гардидан ба ин ҳадаф, иҷрои **вазифаҳои** мушаххаси зерин ба нақша гирифта шудааст: тавсифи моҳияти категорияи тарзи феълӣ бо хусусиятҳои луғавию наҳвии феълҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ; ошкор

намудани равобити категорияи тарзи феълӣ ва таснифоти онҳо; таҳлили хусусиятҳои сохториву семантикии қолабҳои тарзи феълӣ дар ҳар ду забон; баррасии хусусиятҳои зуҳури муқобилгузории тарзҳои феълӣ дар низоми масдар ва сифати феълии забонҳои мавриди назар ва амсоли инҳо.

Навгонии илмии пажӯҳиши мазкур дар он зоҳир мегардад, ки дар он аз ҷониби муаллиф нахустин маротиба категорияи тарз дар низоми феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар забоншиносии муосири тоҷику англис муайян карда шуда, усулҳои тарҷума ва истифодаи онҳо мушаххас карда шудааст.

Категорияи тарзи феълӣ дар забоншиносии тоҷик дар партави назарияи диатеза ва самтҳои феълӣ, инчунин, дар натиҷаи татбиқи консепсияҳои муосири забоншиносони англису рус мақоми нави назариявӣ пайдо кардааст, ки муҳимтарин ҷанбаҳои он дар дар кори таҳқиқии мазкур нишон дода шудаанд.

Таҳқиқи диссертатсионии мазкур ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) мутобиқат мекунад.

Дар **муқаддимаи** автореферат дар бораи мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, асосҳои назариявӣ, навгонии илмии таҳқиқ ва дигар бандҳо тибқи талаботи барасмиятдарории диссертатсия маълумот дода шудааст.

Боби якуми диссертатсия **“Ҷанбаҳои назариявии категорияи тарзи феълӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ”** унвон дошта, аз се фасл иборат аст ва дар он роҷеъ ба масъалаи назариявӣ, моҳияти категорияи тарзи феълӣ ва намудҳои он, алоқаи категорияи тарз бо хусусиятҳои луғавӣ-наҳвии феълҳо дар забонҳои мавриди назар ва валентнокии феъл вобаста ба корбурд ва роҳҳои ифодаи онҳо баррасӣ шудаанд.

Боби дуюми диссертатсия таҳти унвони **“Баррасии категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифии феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”**, аз се фасл таркиб ёфта, дар он ҷойгоҳи категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифии феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ муқаррар гардидааст.

Боби сеюми диссертатсия **“Тазоди тарз дар системаи шаклҳои ғайритасрифии феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”** номгузорӣ шуда, аз чор зербоб иборат мебошад, ки дар он ифодаи категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифнашавандаи феъл – масдар, герундий ва сифати феълӣ баррасӣ шудаанд.

Арзиши назариявӣ ва амалии таҳқиқоти мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф дар раванди таҳияи мавзуъ ба сарчашмаҳои муътамади илмии мутахассисони соҳа ва маводди бойи забонии адабиёти тарҷумавӣ такя намуда, онҳоро мавриди таҳлили амиқи муқоисавӣ қарор додааст.

Бо вуҷуди ин, дар заминаи муваффақиятҳои назаррас ва дастовардҳои илмии диссертант, зарур мешуморем, ки оид ба мундариҷаи автореферати мазкур чанде аз мулоҳиза ва эродҳои тавсиявиро баён намоем, ки онҳо хусусияти мубоҳисавӣ дошта, ба арзиши умумии кори иҷрошуда таъсири манфӣ намерасонанд:

1. Дар зербоби чоруми боби сеюм мисолҳои англисӣ ва тоҷикии овардашуда, асосан, аз ҷиҳати тарҷума шарҳ дода шудаанд. Аммо хусусиятҳои сохторию маъноии сифати феълӣ, муносибати он бо аъзои ҷумла ва тағйироти грамматкӣ ҳангоми тарҷума ба таври муфассал таҳлил нашудаанд;
2. Дар зербоби дуюми боби сеюм муаллиф вазифаҳои гуногуни наҳвии масдарро, аз ҷумла, қисми хабари феълӣ, пуркунанда, муайянкунанда ва ҳолро номбар мекунад, аммо ҳар яке аз ин вазифаҳоро бо мисолҳои мушаххас таҳлил намекунад. Хуб мешуд, барои ҳар як вазифаи наҳвии масдар мисолҳои мушаххасро мавриди таҳлил қарор медод.

Камбудиҳои мазкур арзиши илмии диссертатсияи М.Б. Бахтиёрзодаро коста накардаанд ва онро метавон барои ҳимоя тавсия намуд.

Автореферат ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, таҳти №591 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи **Бахтиёрзода Муслима Бахтиёр** дар мавзуи **“Категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос пешниҳод гардидааст, ба талабот мувофиқ буда, муаллифи онро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) тавсия намудан мумкин аст.

Муқарриз:
номзади илмҳои филологӣ,
и.в. дотсенти кафедраи забонҳои
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М. С. Осимӣ Бобоева Мадина Маруфовна

Нишонӣ: 734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кучаи 1 гуз. Қаротегин 11, ҳуҷраи 20
Тел.: (+992) 881881470
E-mail: madiba82@mail.ru

Имзои М.М. Бобоеваро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М. С. Осимӣ Қодирзода Неъматулло Ҳабиб

Нишонии муассиса: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо 10
Тел: +992(372)21-35-11
E-mail: info@ttu.tj, ttu@ttu.tj

15.10.2026